# ХУЛОСАИ

**Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 018 – назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

**Парвандаи аттестатсионии №________**

**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 2 – юми июли соли 2024, тахти№ 61**

**Барои сазовор донистани Султонзода Дилрабо Шодихон, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03. – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ.**

Диссертатсияи Султонзода Дилрабо Шодихон дар мавзуи "Масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқи мадании шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03. – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) дар таърихи 16 – уми апрели соли 2024, суратмаҷлиси № 54, аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 018 – назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, кучаи Буни Ҳисорак, толори Шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7– уми январи соли 2022, № 16/шд.) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Унвонҷӯ Султонзода Дилрабо Шодихон 1 – уми январи соли 1996 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Аз соли 2018 шӯъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси – 24010200 – ҳуқуқшиносӣ бо дипломи аъло хатм кардааст.

Султонзода Дилрабо Шодихон аз соли 2018 то инҷониб ассистент, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ мебошад.

**Диссертатсияи унвонҷӯй дар мавзуи "Масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқи мадании шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ дар**

**Ҷумҳурии Тоҷикистон”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12. 00. 03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар ҷаласаи Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тасдиқ шудааст (аз 23 декабри соли 2023, суратмаҷлиси № 5).

Таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯй дар кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ:

–**Ғаюрзода Шукрулло Кароматулло** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Корманди шоистаи Тоҷикистон мебошад. Вай ба диссертатсияи унвонҷӯй тақризи мусбат додааст.

Муқарризони расмӣ:

–**Меликов Умрилло Асадуллоевич** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, иҷрокунандаи вазифаи профессори кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

–**Бобоев Ҷамрод Қурбонович** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон мебошанд.

**Муассисаи пешбар – Муассисаи таълимии байнидавлатии «Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон» (ш. Душанбе) мебошад.**

Дар хулосаи мусбии муассисаи пешбар, ки аз ҷониби ташхисгар Носиров Хуршед Толибович – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон (ихтисос: 12. 00. 03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ) омода гардида, аз ҷониби Сидиқов Д. А. – Раиси семинари васеи илмӣ – назариявӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон ва

Бобоева С. И. – котиби семинари васеи илмӣ – назариявӣ, лабаранти кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон имзо ва аз ҷониби Файзулло Машраб Қурбоналӣ, ректори муассисаи таълимии байнидавлатии «Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор санаи 31 – уми майи соли 2024 тасдиқ шудааст, қайд шудааст, ки диссертатсия ба талаботҳои бандҳои 31, 33, 34 ва 35 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – юми июни соли 2021, № 267 (бо тағйироту иловаҳо аз 26 – уми июни соли 2023, № 295) тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби унвонҷуй мустақилона навишта шуда, мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ дорад. Сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар нуқтаҳои илмӣ ва пешниҳодҳо ҷиҳати такмили танзими ҳуқуқии шартномаи сохтмони ҳиссагии биноӣ истиқоматӣ инъикос гардида, саҳми шахсии ӯ дар интихоби дурусти мавзуъ, гузоштани ҳадаф ва вазифаҳо, иҷрои ҳадаф ва вазифаҳои гузошта шуда, инчунин услуби таҳқиқоти илмӣ ифода мегардад.

Унвонҷуйи дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он 10 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла, 5 адади онҳоро дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақоларо дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Интишороти унвонҷуй нуқтаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии ӯро дар такмили танзими ҳуқуқии шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ собит менамояд.

**Интишороти муҳимми унвонҷуй аз рӯйи мавзӯи диссертатсия:**

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

1. Султонова, Д.Ш. Мафҳум ва хусусиятҳои шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ [Матн] / Д.Ш. Султонова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – № 10(2). – С. 265-271. ISSN 2413-5151.

2. Султонова, Д.Ш. Баъзе масъалаҳо оид ба шартҳои муҳимми шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ [Матн] / Д.Ш. Султонова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2021. – № 1. – С. 138-144. ISSN 2413-5151.

3. Султонова, Д.Ш. Мафҳум ва моҳияти иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ [Матн] / Д.Ш. Султонова // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2021. – № 2(22). – С. 113-120. ISSN 2414 –9217.

4. Султонова, Д.Ш. Таносуби шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ бо дигар шартномаҳои ҳуқуқи граждани [Матн] / Д.Ш. Султонова // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2021. – № 1(33). – С. 129-139. ISSN 2307 – 5198.

5. Султонова, Д.Ш. Вазъи ҳуқуқии фармоишгар дар шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагии манзили истиқоматӣ [Матн] / Д.Ш. Султонова // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2022. – №1(37). – С.141-149. – Дар хаммуаллифӣ ба Ғаюрзода Ш. К. ISSN 2307-5198.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд:**

6. Султонова, Д.Ш. Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии ҳиссагӣ дар сохтмони манзили истиқоматӣ» – кафолати муҳимми ҳуқуқи инсон ба манзил [Матн] / Д.Ш. Султонова // Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои назариявии амалисозии ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе, 2020. – С. 20-25.

7. Султонова, Д.Ш. Элементы договора участия в долевом строительстве [Матн] / Д.Ш. Султонова // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Рушди ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ ва хусусӣ дар 30 соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Точикистон» бахшида ба 80-солагии Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, ҳуқуқшиноси шоистаи

Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Шомурат Менглиев. – Душанбе, 2021. – С. 122-130.

8. Султонова, Д.Ш. Вазъи ҳуқуқии тарафҳои шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ [Матн] / Д.Ш. Султонова // Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Рушди қонунгузории Тоҷикистон оид ба самтҳои алоҳидаи соҳибкорӣ». – Душанбе, 2021. – С. 234-245.

9. Султонова, Д.Ш. Ташаккулёбии падидаи замонат дар ҳуқуқи гражданӣ // Маводи конф. байн. илмӣ – назариявӣ дар мавзуи:, «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми ҳуқуқии миллӣ: заминаҳои рушд ва дурнамои илми ҳуқуқшиносӣ, бахшида ба 25-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «70- солагии факултети ҳукуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» //Зери таҳрири н.и.ҳ. дот. Раҳмон Д.С. – Душанбе: Сино, 2019. – С 281.

10. Султонова, Д.Ш. Мафҳум ва хусусиятҳои шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ [Матн] / Д.Ш. Султонова // Фаъолияти ҳукуқэҷодкунӣ. – 2022. – №2. – С. 89-91. – Дар ҳаммуаллифӣ бо Исмоилова М. И.

**Ба автореферати диссертатсия шахсони зерин тақризҳо наваиштанд, ки ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 018 – назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ворид шудаанд:**

– Каримзода Рухшона – муовини сардори шуъбаи ҳуқуқи байналмилалии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ;

– Species Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн – мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовадинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент;

- Холмаҳмадзода Солеҳа - Вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ;

- Диноршоҳ Азиз Мусо - Муовини аввал, муовини директори иҷроия оид ба илм, инноватсия ва муносибатҳои байналмилалии филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов дар ш. Душанбе, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти баҳснок дошта ҷой доранд. Эродҳо асосан масъалаҳои мубоҳисавии диссертатсия, аз ҷумла вазъи ҳуқуқии ширкати сохтмонӣ, унсурҳои шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ, таносуби ин шартнома бо дигар шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ ва баъзе нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшударо дар бар мегирад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67 - 70 ва 74 - 75 "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – юми июни соли 2021, № 267 (бо тағйироту иловаҳо аз 26 – уми июни соли 2023, № 295), интихоб ва таъин шудаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешаванд, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12. 00. 03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ – таҳқиқотии онҳо ба баъзе масъалаҳои танзими ҳуқуқи мадании шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ алоқамандӣ доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, аз ҷониби унвонҷӯй дар асоси анҷом додани таҳқиқоти мазкур:**

– мувофиқи шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ як тараф (ширкати сохтмонӣ) уҳдадор мешавад дар муҳлати пешбининамудаи шартнома бо қувваи худ ё бо ҷалби шахсони дигар бинои истиқоматиро бунёд намуда, баъд аз гирифтани иҷозати ба истифодабарӣ ворид намудани он объекти дахлдорро ба тарафи дигар (ҳиссагузор) месупорад. Ҳиссагузор уҳдадор мешавад объекти мазкурро

қабул намуда, барои он нархи тибқи шартнома муайяншударо пардохт намояд;

– исбот мегардад, ки сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ яке аз воситаҳои пешрафтаи таъмини аҳолии Тоҷикистон бо манзили истиқоматӣ мебошад; ба ақидаи унвонҷуй ширкати сохтмонӣ тибқи қисми якуми моддаи 1158 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 – уми декабри соли 2022, № 1918, на танҳо тарафи фаъоли шартнома, балки фармоишгар ва паймонкорӣ сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ шуда метавонад;

– дар асоси шартномаи суратҳисоби бонкии эскроу бонк (агенти эскроу) барои ҷамъ ва пардохти маблағҳои амонатгузор (ҳиссагузори сохтмон) ба манфиати бенефитсиар (ширкати сохтмонӣ) ҳангоми ба вуҷуд омадани асосҳои пешбининамудаи шартномаи зикршуда, суратҳисоби бонкии эскроу мекушояд. Ҳуқуқ ба маблағҳои пулие, ки дар суратҳисоби бонкии эскроу нигоҳ дошта мешавад, то рӯзи ба вучуд омадани асосҳои гузаронидани онҳо ба бенефитсиар таалуқ дорад.

Такмили ҳуқуқи мадании шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ танҳо дар асоси риояи баробарӣ, мухторияти ирода ва мустақилияти молумулкии тарафҳои он самарабахш буда метавонад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот** бо он асоснок мешавад, ки нуқтаҳои илмӣ ва дигар натиҷаҳои илмии диссертатсия дар ҷараёни таҳқиқоти минбаъдаи масъалаҳои танзими ҳуқуқи мадании шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ мавриди донишафзунӣ ва истифодаи мақсаднок шаванд. Таҷрибаи татбиқи боби 60 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 1- уми июли соли 2023 амал карда истодааст) ва баъзе мушкилоти он тақозо менамояд, ки вазъи ҳуқуқии ширкати сохтмонӣ , иштироки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ дар шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ, нарх, сифат ва муҳлати иҷрои корҳои сохтмонӣ ва ғайра таҷдиди назар карда шаванд.

**Дар диссертатсия, вобаста ба масъалагузории ҷойдошта:**

- омӯзиши мафҳум, моҳият ва табиати ҳуқуқии шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ;

- муайян кардани хусусиятҳое, ки шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматиро аз дигар шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ фарқ мекунанд;

- муайян кардани шартҳои муҳимми шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ;

- ошкор ва омӯхтани мазмуни муносибатҳои ҳуқуқии баррасишаванда бо муайян намудани ҳуқуқ ва ухдадориҳои асосии ҳиссагузорон ва ширкати сохтмонӣ;

- таҳлили масъалаи ҷавобгарии ҳуқуқии тарафҳои шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ барои вайрон кардани шартҳои шартнома;

- муайян намудани тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ тибқи шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ;

- пешниҳоди таклифу дархостҳо ҷиҳати таҳияи санади меъёрии ҳуқуқии махсус оид ба иштирок дар сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ ва рушди босуботи муносибатҳо дар самти мазкур, анҷом дода шудаанд.

**Аҳаммияти амалии натиҷаҳои таҳқиқоти унвонҷӯйи дараҷаи илмӣ чунин аст:**

- дар асоси қисми якуми моддаи 1158 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон “объекти сохтмони ҳиссагӣ” муқаррар шудааст. Ба сифати чунин объект бинои истиқоматие мебошад, ки тибқи ҳиссаи иштирокдорони сохтмон ба молик ҷудо карда дода мешавад. Дар асоси сархати дуюми моддаи 4 Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2022, № 1852, бинои истиқоматӣ – сохтмони асосӣ (бино, иншоот), мебошад, ки нисф ё аз нисф зиёди масоҳати умумии онро майдони истиқоматӣ ташкил медиҳад.

- тибқи номгӯйи ширкатҳои сохтмонӣ дар Тоҷикистон шаклҳои гуногуни онҳо мавриди ташхис ва хулосабарории ҳуқуқӣ гардид. Дар номгӯйи ширкатҳои амалкунандаи сохтмонӣ на танҳо ширкат ва ҷамъиятҳои хоҷагӣ, балки муассиса ва корхонаҳои давлатии сохтмонӣ низ ворид шудаанд. Вале, новобаста аз шакли ташкилӣ – ҳуқуқиашон онҳо ширкати сохтмонӣ махсуб мешаванд;

- истифодаи калимаи "ширкат" дар боби 60 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон тарҷумаи истилоҳи "кампания" буда, маънои ташкилоти сохтмониеро дорад, ки аз иштироки чанд муассис ба вучуд омадааст. Истилоҳи "ширкати сохтмонӣ" дар қонунгузории соҳаи сохтмон хусусиятҳои хосси худро дорад. Масалан, дар он истилоҳи "ташкилоти сохтмонӣ" ва "ширкати сохтмонӣ " ҳаммаъно мебошанд;

- мувофиқи қисми якуми моддаи 486 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон нарх дар шартнома бо созиши тарафҳо озодона муқаррар ва тағйир дода мешавад, агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад. Ширкати сохтмонӣ дар доираи соҳибкории иҷтимоии худ, тавассути устувории нарх метавонад ҳиссагузор, шаҳрванде ки иштироки ӯ дар ин сохтмон ҳадафҳои соҳибкории инфиродиро надорад, дастгирӣ намояд. Асоси чунин дастгирии давлатию хусусӣ қисми 2 моддаи 486 кодекси зикршуда ва салоҳияти мақомоти давлатӣ дар соҳаи манзил (моддаҳои 15-17 Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон) мебошад.

- холигии ҳуқуқӣ дар ин масъала дар он аст, ки аксарияти меъёрҳои боби 60 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаҳои 1160, 1161, 1162) муқаррароти ҳаволакунанда ба қонуни махсус доранд. Вале қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сохтмони ҳиссагии биноҳои истиқоматӣ" то ҳол таҳия ва қабул нагардидааст. Аз ин ҳолат баъзе ширкатҳои сохтмонӣ суистифода намуда, уҳдадориҳои худро дар назди иштирокдорони сохтмони ҳиссагии биноҳои истиқоматӣ ва мақомоти ваколатдори идоракунии давлатӣ дар соҳаи сохтмон ба таври дахлдор иҷро намекунанд.

**Аҳаммияти амалии** натиҷаҳои таҳқиқоти унвонҷӯйи дараҷаи илмӣ, инчунин дар он ифода мегардад, ки барои баланд бардоштани сифати таълимоти ҳуқуқӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар заминаи боэътимоди илмӣ мегузорад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодашуда нишон доданд**, ки таҳлили воқеъбинонаи танзими ҳуқуқи мадании шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ бо донишҳои пешина алоқамандӣ дорад, вале дар асоси усули муосири таҳқиқот, таҳлили амалияи судӣ ва фаъолияти мақомоти ваколатдори давлати дар соҳаи сохтмон иброз назар шудааст, ки дар шароити Тоҷикистони соҳибистиқлол татбиқшаванда мебошанд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯйи дараҷаи илмӣ** дар таҳқиқот ба сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда, алоқамандии натиҷаҳои илмӣ бо амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ, кори илмӣ - омузгорӣ, интишори мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар чорабиниҳои илмии сатҳи гуногун, инчунин дар таҳияи лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба таҳрири нави Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 2 – юми июли соли 2024 қарор қабул карда шуд, ки ба Султонзода Дилрабо Шодихон дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7– уми январи соли 2022, № 16/шд тасдиқ шудааст, 12 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 12 нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории

додани дараҷаи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ – 12 нафар, муқобил нест, бетараф нест, бюллетенҳои беэътибор нест.

**Муовини раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Золотухин А.В.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Назаров А. Қ.**

2 –юми июли соли 2024.